**МАВЗӮИ АСОСӢ:**

- **Ҷаласаи нӯҳуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ**

## ҶАЛАСАИ НӮҲУМИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМХУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД ДА БЕХТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ



10 апрели соли 2012, дар шаҳри Душанбе, таҳти раёсати Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи нухуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баргузор гардид.

Қабл аз оғози ҷаласа Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯрои машваратӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Роҳбари нави Котиботи Шӯрои машваратӣ - Завқиев Завқиҷон ва аъзои нави Шӯро аз ҷониби бахши хусусии ватанӣ: Акбаров Фарҳодҷон – Роҳбари Асотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон; Ҷумаев Далер – Директори кулли Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи “Помир Энерҷӣ”; Тюряева Маъсуда – Роҳбари Иттифоқи асотсиатсияҳои соҳибкорони вилояти Суғд ва аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ: Ругин Геннадий Григориевич – Директори кулли Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи “НБО Сангтуда-1”- ро ба ҳозирин муаррифӣ намуд.



Дар ҷаласа гузориши Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Давлаталӣ Саидов оид ба натиҷаҳои мониторинги ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ шунида шуд.



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, Website: investmentcouncil.tj



Аз ҷумла, қайд гардид, ки дар заминаи қарорҳои ҷаласаҳои 7-ум ва 8-уми Шӯрои машваратӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011, №585 лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон” маъқул дониста шуда, аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд.

Бо мақсади таҳияи лоиҳаҳои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ”, “Дар бораи истифодаи қаъри замин”, лоиҳаи “Барномаи ҷолибгардонии соҳаи истифодаи қаъри замин” дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби намояндагони мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ гурӯҳи корӣ фаъолият намуда истодааст.



Яке аз масъалаҳои асосие, ки дар ҷаласаи имрӯзаи Шӯро мавриди баррасӣ қарор дода шуд, ҷараёни таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав мебошад. Вобаста ба масъалаи мазкур ахбороти Раиси Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекс, Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Наҷмуддинов шунида шуд. Инчунин намояндагони бахши хусусӣ, Роҳбари Шӯрои ҳамоҳангсозии ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ Некрой Забиров ва директори кулли ҶДММ “Ёкут-2000” Абдуҳалим Қодиров баромад намуданд.

Аз назари бахши хусусӣ дар лоиҳаи Кодекси нав мушкилоти ҷойдошта дар самти вазнинии андоз ва маъмурикунонии он барои субъектҳои хоҷагидорӣ аз байн нарафтааст.



Аз ин лиҳоз, намояндагони бахши хусусӣ пешниҳод намуданд, дар лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав ин бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта барои андозсупорандагон, соддагардонии расмиёт ва беҳтаргардонии маъмуригардонии андозҳо, кам кардани шумораи истинодҳо ба дигар моддаҳои Кодекс ва санадҳои қонунгузорӣ, кам кардани шумора ва меъёри андозҳо ба назар гирифта шавад.

Вобаста ба масъалаи мазкур Раиси Шӯрои машваратӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки воридшавии маблағҳоро ба буҷети давлатӣ на аз ҳисоби баланд бардоштани меъёри андозҳо, балки аз ҳисоби зиёд кардани шумораи андозсупорандагон, яъне соҳибкорон, васеъ кардани сарчашмаҳои андозбандӣ, ҳавасмандгардонии ташаббусҳои соҳибкорӣ, таъмини сатҳи баланди иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ ва коҳиш додани иқтисоди пинҳонӣ зиёд кардан лозим аст. Мувофиқан коҳиш додани хароҷоти чорабиниҳои каммаҳсул дар буҷети давлатӣ низ ба манфиати кор аст. Умуман, низоми андозбандӣ бояд чунин ба роҳ монда шавад, ки аз як тараф давлат ва ҷомеаро бо захираҳои молиявӣ таъмин намояд ва аз ҷониби дигар ташаббусҳои фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд намояд.



Аз ин лиҳоз ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуд, ки лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андозро бори дигар таҷдиди назар карда, таклифу пешниҳодоти соҳибкорон, сармоягузорон, вазорату идораҳои соҳавӣ ва дигар андозсупорандагонро ҳангоми такмили он ба инобат гирад.

Инчунин Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯрои машваратӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки лоиҳаи Кодекси андози нав аз ҷониби гурӯҳи мустақили мутахассисон, аз ҷумла мутахассисони ҷалбгардидаи хориҷӣ мавриди ташхис қарор дода шуда, вобаста ба ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбии он ба буҷети давлатӣ, фаъолияти иқтисодии бахши хусусӣ ва суботи иҷтимоии аҳолии мамлакат дар қиёс бо Кодекси амалкунандаи андоз дар мӯҳлати се моҳ хулоса таҳия карда шавад.



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, Website: investmentcouncil.tj



Қобили зикр аст, ки имрӯзҳо муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи минтақавӣ низ рушду тавсеа ёфта, айни замон дар назди раисони ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд Шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таъсис дода шудаанд.

Дар ин замина, дар ҷаласаи имрӯзаи Шӯро, Раиси Шӯрои минтақавии вилояти Хатлон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ Ғайбулло Авзалов оид ба фаъолияти Шӯрои минтақавӣ ва вазъи феълии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилоят баромад намуд.

"Имрӯзҳо вазъи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар вилоят сол аз сол беҳтар шуда истодааст. Танҳо дар соли 2011 дар қаламрави вилоят аз ҷониби бахши хусусӣ 42 корхонаи нави саноатӣ бунёд гардид. Бо вуҷуди ин, имкониятҳои зиёди иқтисодии вилоят аз мадди истифодаи соҳибкорони маҳаллӣ ва сармоягузорони хориҷӣ дур мондааст. Ҳалли мушкилоте, ки имрӯз дар вилоят барои рушди фаъолнокии иқтисодӣ монеа эҷод менамоянд, бояд вазифаи аввалиндараҷаи Шӯрои машваратии назди Раиси вилоят гардад" – қайд намуданд Президенти ҷумҳурӣ.



Дар хотимаи ҷаласа суханронии ҷамъбастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуда, ба масъулин ва вазорату идораҳо супоришҳои дахлдор дода шуд.
Аз ҷумла тибқи супориши Президенти кишвар тасмим гирифта шуд, ки ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ", масъалаҳои соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон, таҳлил оид ба бартараф намудани монеаҳои иловагии маъмурӣ барои фаъолиятҳои соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ карда мешаванд ва дигар масъалаҳои мубрами рушди фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ омода карда шавад.



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, Website: investmentcouncil.tj

***Хонандагони мӯҳтарам!***

***Агар ягон таклифиу пешниҳодот барои баррасӣ дар ҷаласаҳои минбаъдаи Шӯро ё умуман фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он дошта бошед, метавонед тавассути сурогаи электронии amavlonova@investmentcouncil.tj ба Котиботи Шӯрои машваратӣ пешниҳод намоед.***

***Инчунин метавонед маводҳои ҷолибро вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ирсол намоед, ки дар яке аз нашрҳоиояндаи Варақаи иттилоотии Котибот ҷой дода мешаванд.***

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Завқиҷон Завқиев-Роҳбари Котибот***
***Нумон Абдуҷаборов-мушовири иқтисодӣ***
***Елена Ишанкулова-мушовири ҳуқуқӣ***
***Азиза Мавлонова- мушовири ҳуқуқӣ***
***Умедҷон Умаров- мушовири иқтисодӣ***



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, **Website: investmentcouncil.tj**